***Тақриз***

***ба фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик***

Адабиёти тоҷик то солҳои 60-уми қарни XX бештар ба мавзӯъ ва муҳтавои иҷтимоию сиёсии замон маҳдуд гардида, ба ҷанбаи ҳунарии шеър эътибор дода намешуд. Шоирону нависандагон бошад, асосан ба қолаб ва баъзе ифодаю таъбирҳои маъмулии шеъри суннатӣ такя намуда, аз талабот ва меъёрҳои давр берун шуда наметавонистанд. Баъд солҳои 60- 70- и асри гузашта ҷустуҷӯҳои эҷодии шоирони муосири тоҷик ва талошу дигаргуниҳои назарӣ ва ҳунарии як зумра суханварон бо сарварии устод М.Турсунзода заминаеро барои зуҳури бадеият ва бозтоби ҳунари воқеияти адабӣ роҳ кушод. Ин рӯйдоди бубузурги иҷтимоию фарҳангӣ дар адабиёти навини тоҷик боиси ба вуҷуд омадани як қатор шоирони навовар ва тозагӯй ба монанди Муъмин Қаноат, лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ, Гулназар, Гулрухсор ва дигарон гардид, ки ҳар яки онҳо дар дигаргуниҳои сифатӣ ва ва куллие, ки дар шеъри нави тоҷик ба вуқӯъ пайваст, саҳми намоён доранд. Аз ҷумла, устод Гулназар, ки мавзӯи рисолаи мазкур дар асоси ашъори ӯ мураттаб шудааст, дар радифи Устод Лоиқ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор дар эҳёи ҷавҳари зотии каломи бадеӣ ба шеъри навини тоҷикӣ ва ба адабиёти муосир ворид намудани иавзӯъҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ саҳми намоён дорад. Ӯ дар солҳои Шуравӣ бештар дар қолабҳои анъанавии шеъри форсии тоҷикӣ асосан тарғиби арзишҳои миллиро мавзӯи эҷодиёти худ қарор додааст. Дар замони Истиқлол бошад, дар эҷодиёти шоир дигаргуниҳои ҷиддӣ ва навоварона ба монанди шеваи баён, тарзи тасвир, маъниҳои бикр, тасвирҳои шоирона, вазн, забон, вусъати тасвир, сувари хаёл ва биниши шоирона ба мушоҳида мерасад.

Муҳаққиқи сермаҳсул ва донишманд Ҳамроев Равшанқул Замонович дар рисолаи илмии худ поэтикаи ашъори Гулназарро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки ин тарзи пажӯҳиш бо чунин сабки тадқиқ ба шинохти марҳилаи нави шинохти шеъри муосири тоҷик метавонад таъсиргузор бошад. Ҳамзамон дар ин рисола саъй шудааст, ки назариёти шеъри муосир дар ҷабҳаҳои гуногуни нақди адабӣ дар мисоли шеъри Гулназар матраҳ гардад. Интихоби мавзӯи тадқиқотӣ дар асоси шеъри устод Гулназар Келдӣ ҳамчун пешгомтарин шоири муосири тоҷик ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки ҳама навҷӯиҳову навовариҳо дар

эҷодиёти шоир тақозо дорад, ки ҷараёнҳои фаъоли шеъри имрӯз дар мисоли шоирони таъсиргузори адабиёти навини тоҷик баррасӣ гардад.

Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик дар радифи Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Бозор Собир, Қутбӣ Киром, Мастон Шералӣ ва дигарон аз муҳимтарин нафаре аст, ки дар ашъораш ҷараёнҳои пешқадами шеъри муосирро татбиқ намуда, дар пешрафти адабиёти даврони имрӯз таъсири боризе дорад. Ҳар гоҳе фазои илмию фарҳангии шинохти шеъру шоирро бишкофем ва ба сифати хонанда ба чаҳорчӯби шеъри суннатӣ ва муосир ба ҷойгоҳи Гулназар назар афканем, мебинем, ки ӯ бо осори пурмуҳтаво ва навгонии худ дар арсаи адабиёт ҷойгоҳи хосеро соҳибият мекунад, ки масъала дар рисолаи мазкур муфассал ҳалли худро пайдо намудааст.

Гулназар ҳам дар даврони шӯравӣ ва ҳам дар замон Истиқлол бо ҷустуҷӯю нигоштаҳои тоза дар арсаи адабиёти форсизабонон ҷойгоҳи хоси худро дорад. Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла муаллиф рисолаи мазкур низ Гулназарро аз пешгомони шеъри нав дар адабиёти имрӯз шинохта, меҳоҳад ва муътақид аст, ки ин шоири навовар шеърҳои аввалини худро бо таъбиру ибораҳои тозаи шоирона ороста, тадриҷан дар ин ҷода устуворона гом мезанад ва имрӯз дар ин раванд аз зумраи пешгомони шеъри нави тоҷик мебошад.

Муҳаққиқи Ҳамроев Р.З. ин заруриятро хеле хуб дарк карда, рисолаи илмии худро дар се боб 13 фаслу 2 зерфал дар асоси эҷодиёти Гулназар таҳия намудааст. Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки “эҷодиёти Гулназар дорои дорои паҳлӯҳои гуногуни ҳунарӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ғоявӣ буда”, омӯзиш ва пажуҳиши он вазифаи адабиётшиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки Гулназар ба шеър ва мавзӯи мавриди назар ба масъулияти баланди шаҳрвандӣ муносибат мекунад ва аз ҳамқаламони худ ҳамин гуна муносибатро чашмдор аст.

Ҳамзамон, муҳаққиқ зимни ҷустуҷӯи падидаҳои ҳунарӣ, дар шеъри шоир чунин мешуморад, ки офаридаҳои ҳунарии Гулназар бо усулу услубҳои тоза ва истифодем саноати бадей, моҳирона шинохтан ва дуруст дарк кардани имконоти сувари хаёл, офаридани вожаҳои маъникаш ва ифодаҳои нав сурат гирифтааст. Муҳаққиқи ин назари худро бо

мушоҳидаҳои ҷолиб дар рисола бо мақсади нишон додани маҳорати шоири Гулназар мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Муҳаққиқи ашъори даврони Шӯравии шоирро дар “чаҳорчӯбаи идеологияи ҳукумрон” мешиносад ва баррасӣ менамояд, гарчанде ин гуна шинохт ва баҳогузорӣ нисбат як давраи таърихӣ ба меъёрҳои тадқиқӣ воқеӣ мутобиқат намекунад. Набояд фаромӯш кард, ки дар ин давра шеърҳоеро дар ашъори Гулназар вомехӯрем, ки дар онҳо тарғиби арзишҳои худшиносиву худгоҳии миллӣ бо забони шево ва равони шоирона бо истифодаи таъбирҳои образнок таълиф шудаанд, мутаассифона, ин қабил бозёфтҳои шоир аз шинохту баррасии муҳаққиқ берун мондаанд.

Дар рисола ашъори Гулназар аз лиҳози муҳтаво, тахайюл, забон, мусиқӣ ва шакл мавриди пажуҳиш қарор гирифта, дар асоси ин вижагиҳо ба муҳаққиқи имкон пайдо шудааст, ки падидаҳои ҳунарии шеъри шоирро хеле равшан нишон диҳад.

Гурӯҳе аз муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки фақат бархе аз луғотро метавон дар пайкари шеър орост ва на ҳама вожа имкон дорад, ки дар сохтани шеър ба кор ояд. Ин фаҳмишро аввалин бор шоири навовари Эрон Нимо Юшич баршикаста, дар ин бора чунин андешаро иброз дошта буд: “Ҳар луғате метавонад вориди шеър шавад, ба шарти он ки шоир дар ба кор бурдани он моҳир бошад” . Гулназар дар ин ҷода таҷрибаи хеле фаровон дорад ва ҳар вожаро дар ҷойи худ истифода бурда метавонад, бинобар ин шеъраш ба зудӣ дар зеҳни хонанда роҳ меёбад. Муҳаққиқ ин масъаларо хеле мушикофона баррасӣ менамояд ва дар ин ақида аст, ки “Ӯ (яъне шоир) калимаро иҷборан ба хонаи шеър таклиф намекунад, балки худи калима ба осонӣ ба хонаи шеър ворид мешавад.” Мо гумон дорем, ки ин гуна мушоҳидаи ҷолиби муҳаққиқ натиҷаи шинохти луруст ва мушаххаси мавзӯи рисола мебошад.

Рисолаи Ҳамроев Р.З, аз се боб, 13 фасл, 2 зерфасл иборат буда, тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад ва ба он тибқи муқарраротти расмӣ таҳия шудааст.

Бо вуҷуди ин дастовардҳо дар тадқиқоти мазкур баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ ба назар мерасад:

1. Ба назари мо, саҳми Гулназар дар шинохт ва пажуҳиши шеъри устод Лоиқ ва дигар шоирон дар боби алоҳида тадқиқ мегардид.

2. Марҳилаҳои асосии ташаккули эҷодиёти шоир ва фарқияту умумияти онҳо бояд дар рисола ба таври муқоиса муайян карда мешуд.

3. Баъзе ҷумла, мушоҳида ва хулосаҳои муҳаққиқ оҳанги ҳукмомез доранд, ки ин гуна шеваи тадқиқ дар илм роиҷ нест.

4. Дар рисола баъзе калимаву ибораҳои ғалат хеле зиёд ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор хоҳад буд.

Нуқсонҳои ҷузъии ишорашуда ҳеҷ гоҳ сатҳи илмии рисолаи мазкурро коҳиш намедиҳад ва умедворем, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтани онҳо боиси такмил ёфтани сатҳи илмии тадқиқоти анҷомдодашуда хоҳад гашт.

Умедворем, ки ин рисола ба сифати як асари тадқиқотиву таҳқиқӣ дар мавзӯи адабиётшиносӣ барои муҳаққиқини соҳаи забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, назмшиносӣ ва каломи бадеъ судманд ва ҷиҳати боз ҳам дақиқ омӯхтану баррасӣ намудани ин равандҳои адабӣ мусоидат хоҳад кард.

Рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович таҳти унвони “Поэтикаи ашъори Гулназар” ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта , комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқат буда, ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**мудири кафедраи забони тоҷикии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**Одинаев Нурмахмад Сафарович**

**Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.**
**E - mail: odinaievn@mail.ru**
**Сомонаи муассиса: www.tut.tj**
**Тел: (+992) 93-445-33-44; (+992) 2-50-15-35.**
**Факс: (+992-37) 2-34-49-88.**

**Имзои мудири кафедраи забони тоҷикӣ**
**Одинаев Н.С.-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Бухориев Н.А.**
**4.11.2019.**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН
ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА
ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ